# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимояи дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси ва 12.00.02**

Парвандаи аттестатсионии № _______

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 27 майи соли 2023, таҳти №29 дар бораи сазовор донистани Шерализода Ҷомӣ Шералӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ санаи 18.03.2023 сол, суратмаҷлиси №24 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шерализода Ҷомӣ Шералӣ 1-уми майи соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 бо дипломи аъло хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли таҳсили 2016-2017 то ҳол ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Аз 4-уми январи соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 4-уми январи соли 2017, таҳти №01-05).

Мавзуи диссертатсия – «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумхурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (21-уми феврали соли 2017, таҳти №6 (16-17)).

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 16.09.2020 сол, таҳти №4042 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаҳои он борҳо муҳокима карда шуда, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №6 аз 24-уми декабри соли 2022). Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 11 феврали соли 2023 муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар ш. Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Каримзода Умар Карим** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» (ш. Душанбе), ки аз ҷониби ташхисгар мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Элназаров Д.Х. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Кравченко О.В. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Шоисматуллаева Ф.Ш. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ. санаи 28.04.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 21 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**


1. Ганиев, Дж.Ш. Реформирование основ конституционого строя по Конституции Республики Таджикистан 1994 года [Текст] / Дж.Ш. Ганиев // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – 2018. – №1 (22). – С. 110-118; ISSN 2308-054X.

2. Ғаниев, Ҷ.Ш. Нақши Пешвои миллат дар рушди ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3 (27). – С. 69-74; ISSN 2307-5198.

3. Ғаниев, Ҷ.Ш., Диноршоев, А.М. Таҳлили тағйиру иловаҳои соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев, А.М. Диноршоев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 4 (24). – С. 49-56. ISSN 2307-5198.

4. Ғаниев, Ҷ.Ш. Нақши ислоҳоти конститутсионӣ дар рушди таҷзияи ҳокимияти давлатӣ [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев // Қонунгузорӣ. – 2019. – №4 (36). – С. 37-41; ISSN 2410-2903.

5. Ғаниев, Ҷ.Ш. Зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳои соли 2003 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №1 (29). – С. 119-126; ISSN 2307-5198.

6. Шерализода, Ҷ.Ш. Тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ҳамчун шакли амалишавии ислоҳоти конститутсиони: таҳлили ҳуқуқӣ – конститутсионӣ [Матн] / Ҷ.Ш. Шерализода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №3 (31). – С. 116-122; ISSN 2307-5198.

7. Шерализода, Ҷ.Ш. Ташаккули ҳокимияти қонунгузорӣ дар партави ислоҳоти конститутсионӣ солҳои 1999, 2003 ва 2016 [Матн] / Ҷ.Ш. Шерализода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №3 (35). – С. 81-89; ISSN 2307-5198.

8. Ғаниев, Ҷ.Ш. Мафҳум ва нақши ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2016. – №4 (04). – С. 127-133; ISSN 2414-9217.

9. Ганиев, Дж.Ш. Некоторые вопросы о понятии «Конститутционная реформа» [Текст] / Дж.Ш. Ганиев // Государствоведение и права человека. – 2017. – №2 (06). – С. 27-28; ISSN 2414-9217.

10. Ганиев, Дж.Ш. К вопросу о конституционной реформе [Текст] / Дж.Ш. Ганиев // Государствоведение и права человека. – 2017. – №1 (05). – С. 116-119; ISSN 2414-9217.

11. Ганиев, Дж.Ш. Конституционные реформы и их влияние на развитие института президента Республики Таджикистан [Текст] / Дж.Ш. Ганиев // Маводҳои VI конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ». – Душанбе, 2019. – С. 336-338.

12. Ғаниев, Ҷ.Ш. Нақши ислоҳоти конститутсионӣ дар рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев // Маводҳои VI конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо». – Душанбе, 2019. – С. 276-283.

13. Ғаниев, Ҷ.Ш. Принсипҳои гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалӣ «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсозӣ XVI-Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ». – Душанбе, 2017. – С. 137-140.

14. Ганиев, Дж.Ш. Основы конституционного строя Республики Таджикистан [Текст] / Дж.Ш. Ганиев // Маводҳои VI конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Инкишофи илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар шароити муосир: назария ва амалия». – Душанбе, 2018. – С. 290-293.

15. Ганиев, Дж.Ш. Эволюция института президентства в Республике Таджикистан через призму конституционных изменений и дополнений 1999, 2003 и 2016 годов [Текст] / Дж.Ш. Ганиев // Маводҳои VII конференсияи байналмилалии илмӣ-амали таҳти унвони «Низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва дурнамои рушд» бахшида ба 25 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 370-372.

16. Ганиев, Дж.Ш. Основы конституционного строя как институт конституционного права [Текст] / Дж.Ш. Ганиев // Государствоведение и права человека. – 2019. – №1 (13). – С. 73-79; ISSN 2414 -9217.

17. Ғаниев, Ҷ.Ш. Баъзе аз масоилҳои ҳуқуқӣ дар бораи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.Ш. Ғаниев // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илмӣ ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии ҳабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С. 154-158.

18. Шерализода, Ҷ.Ш., Диноршоев, А.М. Мазмуни тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 [Матн] / Ҷ.Ш. Шерализода, А.М. Диноршоев // Паёми Филиали донишгоҳи давлатии Москва Ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисод. – 2021. – №4 (20). – С. 139-145; ISSN 2709-6246.

19. Шерализода, Ҷ.Ш. Такмили меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тағйиру иловаҳои соли 2016 [Матн] / Ҷ.Ш. Шерализода // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ:маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ. – Душанбе. – 2021. – С. 239-243.

20. Шерализода, Ҷ.Ш. Ваҳдати миллӣ ҳамчун асосӣ ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.Ш. Шерализода // Материалы Республиканской науно-практической конференции «Конституция – как фактор стабильности государства». – Душанбе, 2022. – С. 395-400.

21. Шерализода, Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар заминаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ [Матн] / Ҷ.Ш. Шерализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз». – Душанбе, 2022. – С. 254-259.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раҳмон Д.С.** – Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Ғафурзода А.Д.** – Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Қурбонализода Н.Ш.** – Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Одиназода Р.С.** – Директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ», доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба ислоҳоти низоми сохтори парлумон, нақши санадҳои

ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дар рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ ва монанди ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсиониро ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст;

– ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсиониро тавсиф кардааст;

– марҳилаҳои асосии ислоҳоти конститутсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил намудааст;

– масоили ташаккули асосҳои сохтори конститутсионӣ ва омилҳои рушди минбаъдаи онро муфассал тавсиф намудааст;

– ҳолати кунунии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро дар заминаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф намудааст;

– ташаккули фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи ислоҳотҳои конститутсионии гузаронидашуда мушаххас намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– як зумра муқаррарот, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, ки барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ ва дар рушди падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ хизмат менамоянд;

– натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ бо дастовардҳои кишварҳои хориҷӣ, таҳкими арзишҳои демократӣ истифода шаванд;

– бобати такмил додани масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои баррасишаванда, пешниҳодҳои мушаххас баён гардидааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва илмӣ-хусусӣ, ба монанди

диалектикӣ, низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва шакли-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳкиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли С.А. Авакян, З.М. Ализода, Н.В. Витрук, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, Е.И. Козлова, О.Е. Кутафин, Ҷ.М. Зоир, И.Қ. Миралиев, А.В. Малко, Н.И. Матузов, Б.С. Гадоев, Д.С. Раҳмон,, Ф.М. Рудинский, И.И. Саидзода, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, С.М. Салоҳидинова, В.А. Туманов, Л.М. Энтин, А.Ғ. Холиқзода, В.Е. Чиркин, Б.С. Эбзеев, М.С. Сулаймонзода ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– нуктаҳои илмии пешниҳодшаванда метавонанд, баҳри такмили қонунгузории миллӣ ҷиҳати татбиқ ва таъмини фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд;

– нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода намуд;

– мавод, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ барои бакалаврҳо ва магистрони факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, инчунин барои омода намудани мутахассисон барои супоридани имтиҳони тахассусӣ истифода шаванд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи парлумони, низоми намояндагӣ, инчунин ҳангоми навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ, магистрӣ, дипломӣ ва воситаҳои таълимӣ, истифода мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни падидаи ислоҳоти конститутсионӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида асос меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** чунин муайян карда мешавад: натиҷаҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла, пешниҳодҳои назариявӣ, хулосаҳо, навгонии асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд; асоснок ва тарҳрезӣ намудани тавсияҳои амалии бадастоварда аз ҷониби муаллиф манзур шудааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 27-уми майи соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Гадоев Б.С.

27 майи соли 2023